**ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ

## оид ба фаъолияти гурӯҳи идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

Душанбе–2016

**Дастури методӣ дар Шӯрои методии Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» 20 сентябри соли 2016, № 4 баррасӣ шудааст.**

**Таҳиягар:**
**Зикриё Зокиров** – мутахассиси пешбари шуъбаи мониторинги сифати таълим

**Муҳаррир:**
**Ислом Раҳмонов** – мудири табъу нашри МД «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»

**Зери назари**
**Темур Табаров** – директори МД «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»

*Дастури методӣ оид ба фаъолияти гурӯҳи идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҷиҳати таъмини иҷрои фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 2014, №263 «Дар бораи тасдиқи «Барномаи идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон» таҳия гардида, мақсади он самаранок ба роҳ мондани фаъолияти идоракунӣ ва баҳодиҳӣ ба сифати таълим дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон, баланд бардоштани сатҳи донишандӯзии хонандагон, беҳбуд бахшидан ба ҷараёни амалигардонии талаботи барномаи мазкур ва ба ин васила, мутобиқи талаботи бозори меҳнат тайёр намудани кадрҳои коргарии баландихтисос мебошад.*

# Муқаррароти умумӣ

Мониторинг дар муассисаҳои таълимӣ яке аз воситаҳои муайян намудани сатҳи донишандӯзии хонандагон ва сифати таълим ба ҳисоб рафта, яке аз шаклҳои асосии он ташхиси инкишофи касбии хонандагон ва дохил намудани тағйирот дар раванди таълими касбӣ мебошад, ки он бо роҳи ташхис, пешгӯӣ ва ислоҳи инкишофи касбии шахсият ва раванди таълим амалӣ карда мешавад. Бо ин мақсад, таъсиси гурӯҳи идоракунии сифати таълим (минбаъд гурӯҳ) дар муассисаҳои таълимӣ бамаврид ва замонӣ буда, вай дар фаъолияти худ Барномаи идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон, қарорҳои Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ, фармоишҳои директори муассисаи таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаро (замимаи 1) ба роҳбарӣ гирифта, банақшагирӣ ва пайгирии равандҳои таълиму тарбияро арзёбӣ намуда, тариқи гузаронидани мониторинг сатҳи сифати иҷроиши онҳоро муайян ва натиҷагирӣ менамояд. Ҳамчунин, бо мақсади татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимиро дар муассисаи таълимӣ арзёбӣ намуда, ба ҷараёни таълиму тарбия, муайян кардани сатҳи сифати дониши хонандагон, тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб, равона намудани фаъолияти омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ ба баланд бардоштани дараҷаи сифати таълим, давра ба давра муайян намудани болоравии (динамикаи) сифати дониш, ҷамъоварии маълумоти пурра оид ба ҳолати низоми таълим дар муассиса, таҳлил ва асоснок намудани зарурати тағйироти сифати ҷараёни таълим баҳо медиҳад.

Вобаста ба ин, дар системаи идоракунии сифати таълим ҳангоми гузаронидани мониторинг самтҳои зерини фаъолияти муассисаи таълимӣ бояд инъикос ёфта, маълумоти зарурӣ дар сатҳи гурӯҳ ҷамъоварӣ, коркард ва дар сатҳи идоракунии раванди таълим истифода гардад:

– сифати иҷрои барномаҳои таълимӣ;

– фаъолияти омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ;

– воситаҳои ҷараёни таълим (заминаи моддию техникӣ ва таъминоти таълимию методӣ);

– сифати ташкили ҷараёни таълим;

– сифати донишандӯзӣ ва маҳорати касбии хонандагон.

Бо назардошти ин, гурӯҳ вазифадор аст, ки барои мақсаднок ва пурсамар ба роҳ мондани фаъолият оид ба идоракунии сифати таълим, дар оғози соли хониш нақшаи корӣ таҳия намояд, ки дар он вобаста ба хусусияти ҷараёни самтҳо мавзӯи (объекти) мониторинг, мақсад, вазифа, марҳилаҳо, усули ҷамъоварӣ ва коркард/таҳлили маълумот муайян карда мешавад (замимаи 2).

Аз сабаби он ки марҳилаи амалии раванди мониторингро нишондиҳандаҳо (меъёрҳо) ташкил медиҳанд ва маҳз тавассути онҳо хулосаи расмии раванд муайян мегардад, таҳияи нишондиҳандаҳо бо мақсади гузаронидани мониторинг ва таҳлилу натиҷагирӣ низ мувофиқи матлаб буда, дар идоракунии сифати таълим яке аз қисматҳои муҳим ва мураккаби фаъолият ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ҳангоми интихоб ва таҳлили мундариҷаи нишондиҳандаҳо чунин омилҳои таъсиррасон бояд ба инобат гирифта шаванд:

– иттилооти ба воситаи меъёрҳои интихобгашта бадастомада бояд бе ягон маҳдудият истифода шуда, натиҷагирӣ карда шавад;

– нишондиҳандаҳо набояд сермасраф ва дар истифода ноқулай буда, натиҷагирию коркарди онҳо бояд сода ва мувофиқ бошанд;

– нишондиҳандаҳо бояд ҳолати ҷараён ва заминаи моддию техникӣ ва таълимии муассисаи таълимиро дар худ инъикос намоянд;

– нишондиҳандаҳо тавонанд маълумотеро ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ пешниҳод намоянд, ки барои қабули қарорҳои дахлдор ва рафъи норасоиҳо мусоидат намояд;

– мундарича ва мақсади ҳар як нишондиҳанда аз ҷониби ҳамаи иштироккунандаи мониторинг бояд як хел фаҳмида ва хулосабардорӣ карда шавад;

– нишондиҳандаҳои мониторинг бояд мушаххасу аниқ буда, барои пурра инъикос намудани мақсадҳои мониторинг равона шуда бошанд.

## Сохт ва ташкили гурӯҳи идоракунии сифати таълим

Гурӯҳ бо мақсади ба амал баровардани назорати мақсаднок дар татбиқи стандартҳои давлатии таҳсилот, иҷрои нақшаю барномаҳои таълимӣ ва ба низом даровардани раванди таълим дар муассисаи таълимӣ ташкил карда мешавад.

Роҳбар ва аъзои гурӯҳро директори муассисаи таълимӣ бо тартиби муқарраргардида аз ҳисоби кормандони муҳандисӣ-омӯзгории муассисаи таълимӣ, ки дорои маҳорати баланди педагогӣ мебошанд, таъсис дода, ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани фаъолияти гурӯҳ шароити мусоиди корӣ фароҳам меоварад.

Роҳбари гурӯҳ вазифаҳои аъзои гурӯҳро муайян намуда, фаъолияти гурӯҳро ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони болаёқати ҷавобгӯи бозори меҳнат равона сохта, барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи гурӯҳ гузошташуда шахсан масъул мебошад ва дар бораи фаъолияташ ба Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ ва директори муассисаи таълимӣ ҳисобот медиҳад.

Гузориш ва ҳисоботи гурӯҳ дар ҷаласаҳои Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ ва ҷаласаҳои назди директор мавриди баррасӣ қарор дода шуда, гурӯҳ якҷоя бо роҳбарияти муассисаи таълимӣ иҷроиши нақша-чорабиниҳоро оид ба бартараф сохтани камбудиҳо ва болобарии самараноки сифати таълим ва татбиқи навовариҳо дар ин самт таъмин менамояд.

## Самтҳои асосии фаъолияти гурӯҳи идоракунии сифати таълим

Таҳия ва истифодаи усулҳои муосири арзёбӣ ва таҳлили сифати таълим ва дар байни омӯзгорони муассисаи таълимӣ паҳн намудани таҷрибаи пешқадам.

Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати дарсҳои (машғулиятҳои) омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ. Омӯзиши ҳолати татбиқгардонии назария бо амалия дар дарсҳо ва машғулиятҳои омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолӣ. Арзёбии дараҷаи дониш ва малакаи касбии хонандагон.

Гузаронидани мониторинг таввасути пурсишнома (анкета) дар байни хонандагон оид ба мавзӯи «Фаъолияти омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ аз назари хонанда» (замимаи 4). Пайваста омӯхтани фикру ақидаҳои хонандагон оид ба таълими фанҳои тахассусӣ, техникӣ ва ба инобат гирифтани онҳо дар фаъолияти минбаъдаи омӯзгор ва ташкили низоми таҳсил.

Гузаронидани баҳогузории рейтингӣ дар байни омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ дар анҷоми соли хониш бо мақсади арзёбӣ намудани фаъолияти солонаи омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ дар самти таълиму тарбия ва касбомӯзӣ.

Омӯзиши мунтазами равандҳои тағйирпазири равонии (психологии) хонандагон, усулҳои фаъоли муосири таълим ва вобаста ба он расонидани кӯмакҳои методӣ ба кормандони муҳандисӣ-омӯзгорӣ.

Ташкил намудани конфронс, ҷаласаҳои методӣ оид ба масъалаҳои баланд бардоштани қобилияту маҳорати педагогии омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолӣ, татбиқи усулҳои беҳтарини таълим.

Манзур намудани таклифу пешниҳодҳо ба директори муассисаи таълимӣ доир ба беҳтар ба роҳ мондани самаранокии сифати таълим, баланд бардоштани сатҳи донишандӯзии хонандагон ва ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти гурӯҳ дахл доранд.

## Ҳуқуқ ва вазифаҳои гурӯҳи идоракунии сифати таълим

**а) Гурӯҳ ҳуқуқ дорад:**

– барои иҷрои вазифаҳое, ки ба салоҳияти гурӯҳ дахл доранд, мавод ва ҳуҷҷатҳои заруриро дархост ва талаб намояд;

– дар асоси нақшаи кории гурӯҳ, ки аз ҷониби директори муассисаи таълимӣ тасдиқ гадидааст, мониторинг гузаронад. Ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти гурӯҳ баҳо дода, риояи талаботи муқарраргардидаро назорат намояд ва самаранокию сифати фаъолияти омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолиро муайян карда, маслиҳатҳо диҳад;

– ба роҳбарияти муассиса оид ба ҳалли масъалаҳои ба салоҳияти гурӯҳ дахлдошта, таклифу пешниҳодҳо манзур намояд;

– дар бораи беҳтар ба роҳ мондани самаранокии сифати таълим ва баланд бардоштани сатҳи корҳои таълиму сифати тайёр намудани кадрҳои коргарии баландихтисос нақша-чорабиниҳо тартиб дода, иҷроиши онро аз масъулин талаб намояд;

– барои ҳавасмандгардонии ҳайати омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолӣ ва кормандони гурӯҳ ҷиҳати муваффақиятҳои назаррас дар самти таълими сифатнок, инчунин оид ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани ашхоси зикршуда бинобар сабаби ғайри қаноатбахш ташкил намудани ҷараёни таълим ва вайрон кардани интизоми меҳнат ба директор таклиф пешниҳод намояд;

– ҳангоми баррасии масъалаҳои марбут ба сифати таълим дар кори ҷаласаҳои Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ, Шӯрои методӣ ва ҷаласаҳои назди директори муассисаи таълимӣ ширкат варзад.

**б) Гурӯҳ вазифадор аст:**

– фаъолияти гурӯҳро барои соли хониш ба нақша гирифта, барои тасдиқ ба директори муассисаи таълимӣ пешниҳод намояд;

– ҳолати иҷроиши нақша ва барномаҳои таълимиро мунтазам назорат барад;

– ба сифати дарсҳои (машғулиятҳои) омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ба онҳо ёрии амалӣ расонад ва дастур диҳад;

– дарсҳо ва машғулиятҳои ҳайати омӯзгоронро ба таври мукаммал таҳлилу арзёбӣ намуда, ба онҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ва беҳбуд бахшидан ба ҷараёни таълиму тарбия дастуру маслиҳатҳо диҳад;

– дар гурӯҳҳои таълимӣ мониторинг гузаронад, сифати таълимро муайян ва таҳлил намояд, сатҳу сифати дониши хонандагон ва иштироки фаъолонаи онҳоро ба қайд гирифта, таҳлилу арзёбӣ кунад;

– ҳолати нигоҳдошти журналҳои таълимӣ ва мавҷудияти дигар ҳуҷҷатҳои омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолиро назорат намояд;

– ба риояи меъёри баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намояд;

– истифодаи самараноки аёниятҳо ва воситаҳои техникии таълимиро мушоҳида намуда, мунтазам аз болои он назорат барад;

– ҳолати корҳои хаттӣ, дафтардории хонандагон ва нигоҳдошти онҳоро назорат намояд;

– пайваста давомоти хонандагон, риояи сару либос ва тарбияи ахлоқии онҳоро зери назорат гирифта, ба роҳбарият пешниҳод манзур намояд;

– барои таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати машғулиятҳои назариявӣ ва амалии омӯзгорон пурсишнома (анкета) ва саволномаҳо тартиб диҳад (замимаи 3);

– вобаста ба сифати кори омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолӣ, малакаю маҳорати касбии онҳо аз назари хонандагон пурсишнома (анкета) гузаронад;

– вобаста аз натиҷаи мониторингҳои гузаронидашуда, роҷеъ ба ҳавасмандгардонии омӯзгорону устоҳои таълими ис-

теҳсолӣ ва фаъолияти онҳо ба унвони директори муассиса (дар мувофиқа бо муовини директор оид ба корҳои таълими истеҳсолӣ) ва иттифоқи касабаи омӯзгорону кормандони муассиса хулосаҳои худро манзур намояд;

– дар баррасии ҷамъбастии масъалаҳои марбути сифати таълим иштирок ва баромад намояд;

– дар ҳалли масъалаҳои марбут ба салоҳияти гурӯҳ, бо иттиҳодияҳои методӣ (фаннӣ) ва дигар сохторҳои марбута ҳамкорӣ намояд;

– дар тартиб додани нақшаҳои солона ва дурнамои муассисаи таълимӣ иштирок ва саҳмгузорӣ намояд;

– дар омода намудани маводи фаврӣ, иттилоотию таҳлилӣ, ҷамъбастӣ оид ба назорат ва баҳодиҳии сифати таҳсилот ширкат кунад;

– натиҷаҳои дониш ва касбомӯзии хонандагон, дарс ва машғулиятҳои омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолӣ ва сифати ҷараёни таълимро таҳлил намуда, хулосаву пешниҳодотро оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати дониш омода созад ва ба директори муассисаи таълимӣ пешниҳод намояд;

– натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳро ҷамъбаст намуда, самтҳои фаъолияти онро барои соли нави таҳсил муайян созад;

– арзу шикоят ва пешниҳодоти ҳайати кормандони муҳандисию омӯзгорӣ ва хонандагонро нисбат ба фаъолияти гурӯҳ мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳати ислоҳи онҳо нақша-чорабинӣ таҳия намояд;

– ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ ҷиҳати пешниҳод ба Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» ҳар се моҳ ҳисобот таҳия намояд.

*Замимаи 1*

# Номгӯи
# санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии гурӯҳи идоракунии сифати таълим

1. Фармоиш, дастур ва супоришҳои Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба донишандӯзии хонандагон ва сифати таълими муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ.

2. Барномаи идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Дастури методӣ оид ба фаъолияти гурӯҳи идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ.

4. Фармоиши директори муассисаи таълимӣ оид ба таъсиси гурӯҳи идоракунии сифати таълим.

5. Фармоишҳои директор ва қарорҳои Шӯрои муҳандисию омӯзгории мансуб ба донишандӯзии хонандагон ва сифати таълим.

6. Нақшаҳои кории гурӯҳ.

7. Нақша ва барномаҳои таълимии касбу ихтисосҳои амалкунанда.

8. Дафтари (варақаҳои) таҳлили дарсҳо ва машғулиятҳои омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолӣ.

9. Натиҷаҳои таҳлил ва арзёбии мониторинги (ҳамасолаи) сифати таълим.

10. Пурсишнома (анкета) ва саволномаҳои санҷишию тестӣ.

11. Натиҷаи ҷамъбасти пурсишномаҳо ва корҳои хаттӣ.

12. Дафтари (варақаҳои) назорати давомот ва иштироки хонандагон дар машғулиятҳо.

13. Номгӯи хонандагони болаёқат ва фаъоли муассисаи таълимӣ.

14. Дафтари қайди ёддоштҳо.

15. Дастурамалҳои методӣ, адабиёти таълимӣ ва ёрирасон доир ба донишандӯзии хонандагон ва сифати таълим.

16. Ҳисобот, маълумотномаҳо ва пешниҳодот.

17. Дафтари арзу шикоятҳо.

*Замимаи 2*

# Намунаи
# нақшаи кории гурӯҳи идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Мухлат | Мутасаддӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Таҳия ва тасдиқ намудани нақшаи кории гурӯҳи идоракунии сифати таълим. Тақсимоти вазифаҳо байни аъзои гурӯҳ | То 15 сентябр | Роҳбари гурӯҳ | |
| 2 | Давомот ва иштироки хонандагон ба дарсҳо (машғулиятҳо). Фаъолияти роҳбарони гурӯҳҳо дар ин самт | Мунтазам | Аъзои гурӯҳ | |
| 3 | Раванди азхудкунии барномаҳои таълимии касбу ихтисосҳои амалкунандаи муассисаи таълимӣ. Гузаронидани мониторинги сифати таълим ва ба ин васила муайян намудани рейтинги ихтисосҳо ва гурӯҳҳо | Ҳар нимсола | Аъзои гурӯҳ | |
| 4 | Таҳлил ва арзёбии дараҷаи донишандӯзии хонандагон ва сифати таълим | Декабр, май | Аъзои гурӯҳ | |
| 5 | Мониторинги ҳолати истифодабарии аёниятҳо ва воситаҳои техникӣ дар дарсҳо (машғулиятҳо) | Мунтазам | Аъзои гурӯҳ | |
| 6 | Таҳлили сифати дарсҳои (машғулиятҳои) омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ, шакл ва усулҳои таълим. Муайян намудани рейтинги ҳайати омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ | Мунтазам | Аъзои гурӯҳ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 7 | Рафти иҷрои нақша-чорабиниҳои муассиса оид ба амалӣ намудани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳамасола) | Мунтазам | Аъзои гурӯҳ | |
| 8 | Таҳияи саволномаҳо ва гузаронидани пурсиш дар байни хонандагон бо мақсади баҳо додан ба сифати омӯзиш ва муайян намудани омилҳои асосии паст будани дониш | Декабр, апрел | Аъзои гурӯҳ | |
| 9 | Ҳолати омодагии омӯзгорон ба дарсу машғулиятҳо (омӯзиши ба дарс ҳозир шудани омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ бо конспекти дарси яксоата, барномаи таълимӣ (харитаи технологӣ), нақшаи тақвимӣ, аёниятҳои дарсӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ) | Мунтазам | Аъзои гурӯҳ | |
| 10 | Мониторинги раванди аттестатсияҳои ҷорӣ ва хатм | Мутобиқи нақшаи таълимӣ | Аъзои гурӯҳ | |
| 11 | Рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои муҳандисию омӯзгории марбут ба сифати таълим | Мунтазам | Аъзои гурӯҳ | |
| 12 | Таҳлили фаъолияти китобхона ва ҳолати дастрасии хонандагон ба китобҳои умумитаълимӣ ва тахассусӣ. Муайян намудани талаботи муассисаи таълимӣ ба китоб ва маводи методӣ | Январ | Аъзои гурӯҳ, мудири китобхона | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 13 | Санҷиши устуворӣ ва сифати ҷадвали дарсҳо, мувофиқати онҳо бо нақшаҳои таълимӣ, ҷо ба ҷогузории дурусти дарсҳо ва шаффофияти тақсимоти соатҳо байни устодон | Дар вақташ | Аъзои гурӯҳ | |
| 14 | Ҳолати истифода ва нигоҳдошти журналҳои таълимӣ | Мунтазам | Аъзои гурӯҳ | |
| 15 | Мониторинги сифати корҳои хаттӣ, дафтардорӣ ва ҳолати нигоҳдошти онҳо | Мунтазам | Аъзои гурӯҳ | |
| 16 | Ҳолати таҷрибаомӯзии истеҳсолии хонандагон ва ҳуҷҷатнигорӣ дар ин самт | Май | Аъзои гурӯҳ | |
| 17 | Ташкил ва гузаронидани конфронс ё мизи мудаввар дар мавзӯи «Истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар ҷараёни дарс» | Май | Роҳбар ва аъзои гурӯҳ | |
| 18 | Иштирок дар ташкил ва гузаронидани маҳфилу озмунҳои фаннӣ, дарсҳои тафсирӣ (обзорӣ), амалӣ ва иловагӣ аз тарафи иттиҳодияҳои методӣ оид ба беҳтаршавии сифати таълим, усулҳои фаъолияти омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии дарс | Мунтазам | Аъзои гурӯҳ | |
| 19 | Ҷиҳати баррасӣ пешниҳод намудани натиҷаи мониторинги сифати таълим ва раванди азхудкунии барномаҳои таълимӣ ба Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | Мунтазам | Аъзои гурӯҳ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 20 | Таҳияи ҳисобот ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ ҷиҳати пешниҳод ба Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон ва Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» | Ҳар семоҳа | Роҳбар ва аъзои гурӯҳ | |

*Замимаи 3*

# Намунаи пурсишномаҳо (анкета)

## а) Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати машғулиятҳои назариявии омӯзгорон

Омӯзгор: ____________________________________________

Фан: ________________________________________________

Бахш:________, гурӯҳ:____________

Касб, ихтисос: ______________________________________

Сана:_____Миқдори хонандагон:_______ Иштирок карданд:______

Мавзӯи дарс: ________________________________________________

Ташкили дарс: _______________________________________________

**Тавсифи муфассали сифати дарс (лексия)**

Мувофиқи барнома будани мавзӯи дарс _________________________

_____________________________________________________________

Алоқамандии мазмуни назариявии дарс бо амалияи ҳаёти иқтисодӣ ва соҳаи касбии мутахассиси оянда ______________________________

_____________________________________________________________

_____________________________________________________________

Алоқамандии мавзӯи нав бо дарси гузашта ______________________

_____________________________________________________________

_____________________________________________________________

Эътимоднокии ақида, андеша ва далелҳо ________________________

_____________________________________________________________

_____________________________________________________________

Дараҷаи навоварӣ, истифодаи адабиёти навтарин, маводи матбуоти даврӣ дар дарс ___________________________________________

_____________________________________________________________

Шакли гузаронидани дарс (мавзӯӣ ё проблемавӣ) ______________

_____________________________________________________________

_____________________________________________________________

Аз ҷиҳати илмӣ (назариявӣ) асоснок будани мавзӯи дарс ___________

_____________________________________________________________

_____________________________________________________________

Таъсири ҳаяҷонбахшии (эмотсионалии) дарс ___________________

_____________________________________________________________

Тасвири проблемаҳои муҳимтарин, шабоҳияти мавзӯи дарс бо ихтисосҳои махсусгардонидашудаи муассиса ______________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________

Таркиби дарс (саволҳо мантиқан дуруст гузошта шудаанд, ё не) ___
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________

Хусусияти тарбиявии дарс ________________________________________
__________________________________________________________________

Баёни мавзӯъ (бурроғӣ, саҳеҳӣ, таъсирбахшии нутқ). Маданияти нутқи омӯзгор ______________________________________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________

Алоқа бо аудитория (диалог, монолог). Муносибати омӯзгор бо хонандагон (риояи одоби муошират) ____________________________
__________________________________________________________________

Намуди зоҳирии омӯзгор _________________________________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________

Тавсияи адабиёти асосӣ ва иловагӣ барои мутолиа ва конспект кардан ____________________________________________________________
__________________________________________________________________

Ҳаҷми мавзӯъ. Истифодаи вақт дар дарс_____________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________

Дараҷаи дарки мавзӯъ аз тарафи хонандагон ____________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________

Ҷамъбасти дарс __________________________________________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________

Мулоҳиза, тавсия ва пешниҳодҳо ___________________________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________

Баҳои сифати дарс ________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
_______________________________________________________________

Имзои омӯзгор __________________________________________________

Дарсро таҳлил намуданд: ____________________________
____________________________

## б) Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати машғулиятҳои амалии омӯзгорон/устоҳои таълими истеҳсолӣ

Омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ: ______________________________
Фан: ______________________________________________________
Бахш:________, гурӯҳ:____________
Касб, ихтисос: _______________________________________________
Сана:_____ Миқдори хонандагон:______ Иштирок карданд:______
Мавзӯи дарси (машғулияти) амалӣ: ____________________________
Ташкили дарс: ________________________________________________

**Тавсифи муфассали сифати дарси (машғулияти) амалӣ**

Мувофиқи барнома будани мавзӯъ: ______________________________
_____________________________________________________________

Алоқамандии мазмуни назариявии дарси амалӣ бо ҳаёти иқтисодӣ ва соҳаи касбии мутахассиси оянда ____________________________
_____________________________________________________________

Эътимоднокии ақида, андеша, далелҳо ва супоришҳои амалӣ _____
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________

Шакли гузаронидани дарси амалӣ: а) ҳалли машқу масъалаҳо, кори мустақилона, супориши вазифаи хонагӣ (барои фанҳои дақиқ); б) пешниҳоди мавзӯъҳои семинарӣ ва муҳокимаи он (барои фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ) ______________________________________
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________

Аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок будани дарси амалӣ: а) муайян намудани таркиби машғулияти амалӣ ва равияи мантиқии он; б) усулҳои гузаронидани дарси амалӣ ____________________________
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________

Ташкили фаъолияти эвристикии (иктишофии) хонандагон, муносибати фардӣ ва тафриқавӣ бо хонандагон __________________
_____________________________________________________________

Ташкили кори мустақилона ва эҷодии хонандагон _______________
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________

Хусусияти тарбиявии дарс (машғулият) _________________________
_____________________________________________________________

Таъсири ҳаяҷонбахшии (эмотсионалии) дарси амалӣ ______________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Бурроги нутқ, саҳеҳӣ, таъсирбахшии дарси амалӣ. Маданияти нутқи омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ __________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Алоқа бо аудитория (диалог, монолог). Муносибати омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ бо хонандагон (риояи одоби муошират) _______

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Намуди зоҳирии омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ _______________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Тавсияи адабиёти асосӣ ва иловагӣ барои хониш ва иҷрои корҳои мустақилона ________________________________________________

____________________________________________________________

Дараҷаи дарки дарс аз тарафи хонандагон _______________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Ҳаҷми дарси амалӣ. Истифодаи вақт дар дарс ___________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Ҷамъбасти мазмуни дарси амалӣ _____________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Мулоҳиза, тавсия ва пешниҳодҳо ____________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Баҳои сифати дарси амалӣ _________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Имзои омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ _____________ ___________

Машғулияти амалии омӯзгор/устои таълими истеҳсолиро таҳлил намуданд:

_____________________________

_____________________________

*Замимаи 4*

# Пурсишномаи (анкета)-и
## фаъолияти омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ
## аз назари хонанда

| Номи фан: ____________<br>Омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ: ____________ | Баҳо | | |
|---|---|---|---|
| **Нишондиҳандаҳои сифати фаъолияти омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ:** | Оре, бо сифати баланд | Оре, вале бо сифати миёна | Не, бо сифати паст |
| 1. Мазмун ва талаботи фани мазкурро омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ дар аввали сол равшан баён карда буд ё не? | | | |
| 2. Оё омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ фани дарсиашро хуб медонад, нисбати фан ва касби худ эҷодкорона ва бо шавқу ҳавас амал мекунад? | | | |
| 3. Оё метавонад шавқи хонандагонро ба мавзӯъ бедор намояд, бо баҳсу мубоҳиса шавқманд кунад? | | | |
| 4. Дар ҷараёни дарс омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ назарияро бо мисолҳои амалӣ асоснок мекунад? | | | |
| 5. Дар дарсҳо иттилооти нави замонавӣ ва илмӣ пешниҳод менамояд? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 6. Тарзи дарси омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ барои донишомӯзии хонанда мусоидат мекунад? Ба мақсад мерасад? | | | |
| 7. Дар ҷараёни дарс воситаҳои аёнии ёрирасонро самаранок истифода мебарад? | | | |
| 8. Оё нутқи омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ фаҳмо, таъсирбахш, пурмаъно, касбӣ ва барои дарк намудан дастрас ҳаст? | | | |
| 9. Оё аз омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ дар соатҳои муқарраршуда бемамониат машварат ё маслиҳат гирифтан мумкин аст? | | | |
| 10. Дар аудитория алоқаи зарурӣ барқарор менамояд, дар муошират бо хонандагон боодобона рафтор мекунад? | | | |
| 11. Диққати хонандагонро бо пурдонӣ, рафтори боодобона, намуди зоҳириаш ба худ ҷалб менамояд? | | | |
| 12. Оё омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ дар баҳодиҳии дониши шогирдон беғараз (объективона) ҳаст? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 13. Оё омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ доир ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ бо хонандагон суҳбатҳо мегузаронад? | | | |
| 14. Одоби муошират ва ахлоқи омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ аз нигоҳи Шумо чӣ гуна аст? | | | |
| 15. Оё омӯзгор/устои таълими истеҳсолӣ дар бораи ҳисси ватандӯстӣ, сулҳу оромӣ ва оқибатҳои пайвастан ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ суҳбат мегузаронад? | | | |
| *Ба фикри Шумо боз чӣ тадбирҳоро андешидан лозим аст, ки сифати таълим баланд шуда, дониши хонандагон зиёд гардад, сайқал ёбад?* | ___________________________<br>___________________________<br>___________________________<br>___________________________<br>___________________________ | | |

***Ба чоп 25.10.2016 имзо шуд. Формат 60х84 1/16 2 в.ш.ч.***
***Қоғази офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj.***
***Адади нашр 100 нусха.***

***Дар ЧДММ «Мансун» чоп шудааст***